«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон д.и.ф., профессор
_______________ Т.А. Хоҷазода

**Тақризи**
**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимбарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он»**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ**

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ.** Мазмун ва моҳияти диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло аз он дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ ба пуррагӣ анҷомёфта буда, аз ҷониби муҳаққиқ ҳаматарафа мавриди тадқиқ қарор гирифтааст ва ба яке аз мавзӯъҳои муҳимми илми мурофиаи ҷиноятӣ – ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки халқи Тоҷикистон, Ҳукумати он бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта то ба имрӯз баҳри таъмини ягонагӣ, ваҳдат, сулҳу субот, оромӣ ва зиндагии осоиштаву арзанда дар кишвар, эмин нигоҳ доштани арзишҳои инсонӣ аз таҷовузҳои ҷинояткорона заҳмати зиёд кашидаанд. Давлат дар баробари мубориза беамон бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро чун яке аз самтҳои муҳими фаъолият донистааст. Бо ин мақсад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо дар Паёму баромадҳои худ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишварро ҳидоят менамоянд, ки фаъолияти худро дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳои муташаккил ва фаромиллӣ, таъмини амнияту тартиботи ҳуқуқӣ, мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат тақвият бахшанд ва аз ҳар як корманди ин сохтору мақомот талаб менамоянд, ки вазифаҳои хизматиашонро бо масъулияти баланд ва содиқона иҷро намоянд.

Аз ин рӯ, муҳаққиқ ҷаҳонишавиро тамоюли мусбии ҳамкорӣ ва ҳамзистии халқу миллатҳои гуногуни дунё мансуб дониста, зикр менамояд, ки он метавонад бо худ дар қатори ҷанбаҳои мусбӣ, паҳлуҳои ба маданияти мо номувофиқи тарзи зиндагӣ, мушкилоту муаммоҳоро низ интиқол диҳад. Ва яке аз чунин мушкилоту муаммои ҷаҳонишавиро рушди олами ҷинояткории муташаккилу фаромиллӣ мансуб донистааст. Ба андешаи ӯ, ҷинояткории замони муосир ҳолат ва сатҳи муташаккилиятро касб намуда, тарзу воситаҳои содиркунии он, роҳу усулҳои рӯйпӯш намудани амали ҷинояткорона, аз он ҷумла бо роҳи таҳдид ба ҷону моли иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ниҳоят мураккаб гаштааст. Вале, бо вуҷуди ҳолатҳои зиёди осебпазир шудани амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, давлат пайваста мекӯшад, ки дар пайи ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд

буда, раванди мӯътадилу объективонаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва муҳокимаи одилонаи судиро таъмин намояд.

Муаллиф тадқиқоти диссертатсионии хешро бо он асоснок намудааст, ки Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи ягона ва мукаммали ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки самараи хуб дошта бошад, ҳанӯз ташаккул наёфтааст ва дар адабиёти ватанӣ масъалаҳои зикршуда ба таври васеъ коркард нашудаанд. Бинобар ин, камчинии рисолаву мақолаҳои илмию назариявии ватанӣ ва амалияи начандон зиёди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ тақозо менамояд, ки дар ин мавзӯъ тадқиқоти илмии маҷмӯавӣ гузаронида шавад. Аз он ҷумла, аз лиҳози назарӣ ва қонунгузориву татбиқи он масоили муайян намудани заминаҳои таърихиву ҳуқуқӣ, таъйиноти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳуму моҳият, муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба ҳангоми зарурияти татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ, ба миён меоянд, доираи субъектоне, ки дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ ниёз ба ҳимояи давлатӣ пайдо мекунанд, доираи субъектоне, ки дар амалӣ намудани чораҳо масъуланд, мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатӣ, асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо, ниҳоят муҳим арзёбӣ мешаванд.

Бо ба инобат гирифтани гуфтаҳои боло метавон иброз намуд, ки рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар шароити раванди босуръати ҷаҳоншавӣ аҳамияти бузурги назариявию амалӣ дошта, то ҳадди имкон метавонад дар ҳалли масоили таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат намояд.

Муаллифи диссертатсия дар назди худ мақсад ва вазифаҳои муҳим – омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи батанзимбарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро гузоштааст.

Муаллиф ҷиҳати муайян намудани таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд; мақомоти татбиқкунандаи химояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; намудҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ; асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кӯшишҳои зиёд намудааст.

Он масъалаҳое, ки муҳаққиқ баррасӣ намудааст, ҷавобгӯй ба талаботи илм ва амалияи замони муосир мебошанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон бо эътимоди комил иброз намуд, ки мавзӯи рисола аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

**Асоси методологии тадқиқоти диссертатсиониро** усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додаанд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ, аз қабили материализми диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода карда шудаанд. Ҳангоми навиштани диссертатсия усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, таҳлил, синтез, назарсанҷии ичтимоӣ ва хулосабарорӣ низ бо маҳорати баланд истифода бурда шудаанд.

**Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсионро**, пеш аз ҳама, қоидаву

ғояҳои материализми диалектикӣ, муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, Паём ва баромаду асарҳои илмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил намудааст. Ҳамчунин, асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсиониро асарҳои олимони ҳуқуқшинос ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои таърихи ташаккул, мафҳум, моҳият, қонунгузорӣ, субъектон, мафҳум, таснифот ва намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ таҳлил шудаанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия муаллиф ба осори илмии олимони тоҷику рус, ба монанди З.Ҳ. Искандаров, Н.А. Нозиров, К.Ҳ. Солиев, Р.Р. Юлдошев, Р.Ҳ. Раҳимзода, А. Абабков, А.А. Петуховский, А.Б. Ширитов, А.В. Москаленко, А.Ю. Епихин, В.А. Саморока, В.И. Бояров, Г.В. Епихина, Д. Безнесюк, Е.Е. Кондратев, К.Д. Шевченко, Л.В. Бруснитсин, М. Бекетов, М.П. Фадеева, Н.С. Карпов, Н.С. Томилова, О.А. Зайтсев, П.В. Бакуновский, С.А. Янин, С.Л. Марченко, Т.С. Волчетская, Т.К. Курбонмагомедов, Ф.А. Хайруллин ва дигарон такя намудааст

Он нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, илман асоснок буда, аз камолоти илмӣ-эҷодии муаллиф далолат медиҳанд.

Натиҷа ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби рисоланавис таҳия шудаанд, комилан дақиқ ва сазовори боварӣ мебошанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки вай дар муайян намудани мафҳум ва моҳияти ин падидаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, заминаҳои таърихию иҷтимоии пайдоиш ва инкишофи он; омилҳои мусоидаткунанда ба он; батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; доираи субъектони ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо ва ташаккули консепсияи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ифода меёбад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии тадқиқоти диссертатсионӣ 245 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия – «Тавсифи умумии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои вобаста ба таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва батанзимдарории ҳуқуқии падидаи мазкур мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби якум – «Таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» муҳаққиқ дар доираи он масъалаҳои вобаста ба заминаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва иҷтимоии пайдоиши падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мавриди тадқиқ қарор додааст. Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки падидаи ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳарчанд ба мазмуни муосираш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як падидаи нав ва ҳанӯз амиқ коркарднашуда бошад ҳам, вале дорои заминаҳои таърихию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ӯ зикр

менамояд, ки то замони ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи ҳуқуқии алоҳидае, ки бевосита муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ танзим намояд, мавҷуд набуд. Вале, нишонаву мазмуни ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро баъзе сарчашмаҳои ҳуқуқӣ то андозае инъикос намуда буданд (саҳ. 23).

Дар доираи зербоби дуюми боби якум – «Мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» бошад, муаллиф бори нахуст дар асоси омӯзиши адабиёти соҳавӣ, таҳлили қонунгузорӣ ва нишонаҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳуми ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро чунин тавсиф намудааст: «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ – фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ва ғайримурофиавии бо қонун танзимшавандаи мақомоти махсуси ваколатдор ва шахсони мансабдори давлатӣ мебошад, ки бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми ҷой доштани таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба онҳо, хешовандон, хешовандони наздик ва наздиконашон, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон, инчунин ҳангоми вафот ё расонидани зарар ба саломатии онҳо, ки бо сабаби иштирокашон дар мурофиаи ҷиноятӣ ба вуқӯъ мепайвандад, бо роҳи татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ амалӣ карда мешавад» (саҳ. 65).

Муаллифи диссертатсия масъалаи – «Батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»-ро дар доираи зербоби сеюми боби якум таҳлил намудааст. Ӯ махсус иброз медорад, ки асосҳои қонунгузории ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон таърихи дурудароз надорад. Падидаи мазкур танҳо баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ ба танзим дароварда шудааст. Муаҳаққиқ дуруст зикр намудааст, ки саъю кӯшиши бунёд намудани давлати демократӣ дар Тоҷикистон ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба танзими ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ такони бузург бахшид. Қадами нахустин ҷиҳати ҳимояи давлатӣ, қабул гардидани Конститутсияи ҶТ дар соли 1994 ба ҳисоб меравад. Конститутсия барои омодасозӣ ва қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, аз ҷумла ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ заминаи ҳуқуқии устувор гузоштааст (саҳ. 66).

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ «Субъектони ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» ном гирифта, дар он масъалаҳои мухталиф: иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд ва мақомоти татбиққунандаи химояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Муаллиф зикр менамояд, ки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ яке аз мавзӯоти муҳимми илми мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор рафта, ҳамчун ҷузъи таркибии низоми қонунгузории он баромад менамояд (саҳ. 100). Бо зикри ин матлаб, ӯ дар асоси таҳлили фикру андешаи олимон, муқарраротӣ қонунгузории ҷумҳурӣ ва амалияи он, бо дарназардошти таҷрибаву ниёзи ҷомеа, таъйинот, вазифа, вазъи мурофиавӣ ва нақши онҳо дар иҷрои санадҳои судӣ, чунин таснифи шахсонеро, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегардад, пешниҳод

намудааст, ки ба назари мо низ қобили қабул мебошанд: 1) шахсоне, ки адолати судиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба амал мебароранд ё дар таъмини иҷрои санадҳои судӣ масъул мебошанд; 2) шахсоне, ки аз тарафи айбдорӣ баромад менамоянд; 3) шахсоне, ки аз тарафи ҳимоя баромад менамоянд; 4) шахсоне, ки дар тафтиш ё муҳокимаи судии парвандаҳо кумаки техникӣ ва ё мутобиқи қонун барои ёрӣ расондан ба тафтиши парванда ё ба адолати судии ҷиноятӣ уҳдадор карда шудаанд; 5) шахсоне, ки мутобиқи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ рад карда шудаанд ё мақоми хешро ҳамчун субъекти мурофиаи ҷиноятӣ аз даст додаанд; 6) хешовандони наздик, хешовандон ва наздикони шахсони дар боло зикршуда (саҳ. 107).

Ҳамзамон, муаллиф дуруст зикр намудааст, ки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар фасли 2-юми Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд, фарқ менамоянд. Ба назари ӯ, доираи иштирокчиёни ҳимояи давлатӣ аз доираи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ васеътар мебошад (саҳ. 98). Бинобар ин, муҳаққиқ дар саҳифаҳои 116-117-и диссертатсия доираи шахсоне, ки бояд нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ карда шаванд пешниҳод намудааст ва ҳар яки онро бо далелҳои мутмаин асоснок намудааст.

Муаллифи диссертатсия зимни баррасии мақомоти татбиққунандаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чунин иброз медорад, ки ба низоми субъектоне, ки ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро таъмин менамоянд, бояд маҷмӯи мақомоти салоҳиятноки давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо мансуб дониста шаванд, ки фаъолияти онҳо, дар навбати аввал, ба амалигардонии бевоситаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ равона гардидааст (саҳ 122).

Муаллиф ҳангоми таҳлили зербоби мазкур, мақомоти татбиққунандаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро чунин тасниф намудааст: 1. Вобаста аз асоси ҳуқуқӣ онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст: а) мақомоте, ки дар КМҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд: мақомоти суд (суд (судя)), мақомоти прокуратура (прокурор), мақомоти тафтиши пешакӣ (муфаттиш) мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ (таҳқиқбаранда); б) мақомоте, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» зикр шудаанд: мақомоте, ки оид ба татбиқи чораҳои ҳимояи давлатӣ қарор қабул менамоянд: суд (судя), прокурор, сардори воҳиди таҳқиқ, роҳбари мақомоти амаликунандаи ФОҶ ва муфаттиш; мақомоте, ки чораҳои амниятиро татбиқ менамоянд: мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти миллӣ, мақомоти гумрук, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти назорати маводи нашъаовар, мақомоти адлия (тавқифгоҳи (изолятори) тафтишотӣ, муассисаҳо ва мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), мақомоти мудофиа (фармондеҳони қисмҳои ҳарбии дахлдор, сарфармондеҳони болоии қисмҳои ҳарбӣ); мақомоте, ки чораҳои дастгирии иҷтимоиро татбиқ менамоянд. Мутобиқи муқаррароти қ. 7 м. 3 Қонуни мазкур чораҳои дастгирии иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори муайяннамудаи Ҳукумати ҶТ амалӣ карда мешаванд. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тартиб ва андозаи пардохти

ёрдампулии яквақта ба иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки нисбати онҳо чораҳои дастгирии иҷтимоӣ татбиқ мешаванд», мақомоти татбиқкунандаи чораҳои дастгирии иҷтимоӣ маҳсуб меёбад; в) дигар мақомоте, ки дар «Барномаи давлатии таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016» зикр гардида буданд: Вазорати маориф ва илм; Вазорати тандурустӣ; Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; 2. Вобаста аз функсияашон онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст: а) мақомоте, ки функсияҳои мурофиавии ҷиноятиро иҷро менамоянд: мақомоти суд; мақомоти прокуратура; мақомоти корҳои дохилӣ; мақомоти амнияти миллӣ; мақомоти гумрук; мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия; мақомоти назорати маводи нашъаовар; мақомоти адлия; мақомоти мудофиа; б) мақомоте, ки функсияҳои мурофиавии ҷиноятиро иҷро наменамоянд: Вазорати маориф ва илм; Вазорати тандурустӣ; Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ; мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (саҳ 146-147).

Боби сеюми диссертатсия – **«Намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** аз се зербоб иборат мебошад.

Зимни баррасии зербоби якуми боби сеюм – **«Мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** муҳаққиқ зери мафҳуми чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ маҷмӯи чораҳои амниятӣ ва дастгирии иҷтимоиеро дар назар дорад, ки бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулк, ҳангоми мавҷуд будани таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк, инчунин ҳангоми ҳалокат ё вафот, расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатӣ ва расонидани зарар ба молу мулки шахси ҳимояшаванда дар робита ба парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд ва аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори масъул амалӣ карда мешаванд (саҳ. 150). Мафҳуми додашудаи муаллиф қобили қабул мебошад, чунки дар мазмуни мафҳуми додашуда тамоми паҳлуҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ зикр гардидааст.

Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия чораҳои амниятиро дуруст таҳлил карда, онҳоро вобаста ба асосҳои зерин тасниф намудааст: а) вобаста ба субъекте, ки чораҳои амниятӣ нисбати онҳо татбиқ карда мешаванд; б) вобаста ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар онҳо чораҳои амниятӣ мустаҳкам шудаанд; в) вобаста аз лаҳзаи татбиқ намудани чораҳои амниятӣ (саҳ. 161-163).

Зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия ба масъалаи – **«Намудҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ»** бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия мутобиқи қонунгузорӣ чораҳои ҳимояи давлатиро ба: 1) чораҳои мурофиавии ҳимояи давлатӣ (чораҳои мурофиавӣ); 2) чораҳои махсуси ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (чораҳои махсус) ҷудо намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Ба гурӯҳи якуми чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, чораҳоеро мансуб донистааст, ки онҳоро Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ танзим менамояд. Ба монанди: 1) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ (қ. 3 м. 12); 2) чораҳои пешгирӣ (б.б 3, 6, 7 қ. 1 м. 101); 3) протоколи амали тафтишӣ (қ. 8 м. 172); 4) гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ (қ. 2 м.

196); 5) тартиби нишон додан барои шинохтан (қ. 9 м. 206); 6) муҳокимаи ошкорои судӣ (қ. 2 м. 273); 7) пурсиши шоҳид (қ. 6 м. 314). Чораҳои мазкур хусусияти мурофиавӣ дошта, дар як қатор ҳаракатҳои мурофиавӣ тавассути тартиби махсус амалӣ карда мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюми чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», муҳаққиқ чораҳои зеринро мансуб донистааст: 1) чораҳои амниятӣ; 2) чораҳои дастгирии иҷтимоӣ: (саҳ. 163-164).

**«Асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ»** дар доираи зербоби сеюми боби сеюм мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллифи диссертатсия олимонеро, ки асосҳои татбиқ намудани чораҳои амниятиро мавҷудияти маълумот ҷонибдорӣ намудаанд напазируфта, онро на маълумот балки мавҷудияти воқеияти ҳоли ҳодисаи таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк маънидод намудааст (саҳ. 184-186). Ин мавқеи муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ дар таҳлили ин масъала ҳарчанд ба қонунгузорӣ такя намуда боша ҳам, аммо мавқеи хешро на аз лиҳози қонунгузорӣ балки аз назари илм нишон додааст.

Муаллиф дар таҳлили зербоби мазкур дар ҳақиқат ба вазифа ва мақсадҳои гузошташуда ноил гаштааст, чунки мазмуни ин зербоб ба мундариҷаи он мувофиқ мебошад. ӯ дар баробари асосҳои татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ, инчунин дар таҳлили сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқ намудани чораҳои ҳимояидавлатӣ муваффақ гаштааст. Мазмуни ин гуфтаҳо дар саҳифаҳои 189-201-и диссертатсия муттаҳид гашта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Аз моҳияти диссертатсияи Раҳимзода Муъмин Сайфулло бар меояд, ки ӯ мавзӯи мазкурро муаллифона таҳлил намуда намуда, бо ин восила вазифаи худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Ба монанди:

1. Дар нуктаи илмии дуюм, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро чун унсури таркибии принсипи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс маънидод намуда, баёнгари мазмуни томи он меҳисобад. Аз ин гуфтаи муаллиф чунин бармеояд, ки предмети танзимкунандаи ҳимояи давлатӣ мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Агар мо ба қонун назар намоем дар он мақомоти таъминкунандаи чораҳои ҳимояи давлатӣ зикр гардидааст, ки дар баробари мақомоти суд, прокуратура, тафтишот ва ФОҶ дигар мақомоти маъмурӣ низ зикр гардидаанд. Оё мо наметавонем гуфт, ки ин муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби дигар соҳаи ҳуқуқ, хусусан ҳуқуқи маъмурӣ ба танзим дароварда мешавад? Мехоҳем назари муаллифро оид ба ин масъала фаҳмем.

2. Муаллиф дар маҷмӯъ ҳамаи чораҳои амниятиро тасниф намудааст, ки яке аз онҳо чораҳои умумии давлатӣ (чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ) мебошад. Агар чораҳои амниятӣ, ки дар КҶ ҶТ зикр гардида бошанд, пас муаллиф зарурати татбиқи чораҳои амниятии

махсусро дар чӣ мебинад?

Камбудиҳои номбаргардида аҳамияти баланди илмии диссертатсияи мазкурро кам наменамоянд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии тадқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Баҳои ягонагии дохилӣ ва аҳамияти натичаҳои тадкикот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.** Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ истифода шудаанд, ин сифати мусбии диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд, дар тадқиқоти илмии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: истифода шаванд.

Диссертатсияи мазкур яке аз аввалин тадқиқоти илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки бо забони адабии тоҷикӣ суфтаву фаҳмо навишта шудааст. Ибораҳои ҳуқуқӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ дар сатҳи илмӣ тарҷума гардидаанд, ки аз донишмандӣ ва забондонии муҳаққиқ шаҳодат медиҳанд.

**Тасдиқи нашри нуктаҳои асосӣ, натичаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Мазмуну муҳтаво ва хулосаи диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқ дар конференсия ва семинарҳои сатҳи гуногун маърӯза гардидааст. Оид ба муҳтавои диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақола дар нашриёҳои дигар интишор гардидаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Раҳимзода Мӯъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимбарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимзода Мӯъмин Сайфулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Золотухин А.В. омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон 12 августи соли 2020 (протоколи №1) муҳокима ва дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон аз 14 августи соли 2020 (протоколи №2) ҷонибдорӣ карда шудааст.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон — Ҳамроев Ш.С.

Ташхисгар, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ — Золотухин А.В.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кабинети кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон — Маматқулов А.А.

«Имзои Ҳамроев Ш.С., Золотухин А.В ва Маматқулов А.А.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон — Алиев А.Ҷ.

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел.: (992) 37 221-35-50, Факс: (992) 37 221-35-50.
E-ail: p.rektora@mail.ru, http//www.rtsu.tj